آوازتاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рўзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

12 июни соли 2021. Шанбе

№ 46 (14747)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ХАЛҚҲОЯМОН АЗ ФАЗОИ НЕКҲАМСОЯГӢ ВА ДЎСТИИ АБАДӢ ХУШҲОЛАНД



**Тавре қаблан хабар дода будем, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 10-11 июн бо сафари расмӣ ба ин кишвар ташриф овард.**

Президенти мамлакатамон дар доираи сафар 11 июн аз Душанбе ба Хуҷанд омад.

Меҳмони олиқадрро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пешвоз гирифт.

Дар Хуҷанд барои омадани сарвари давлати мо омодагии зиёд дида шудааст. Дар фурудгоҳ ва кўчаҳои шаҳр, ки бо парчамҳои ду кишвар оро ёфта буд, Президенти кишварамонро низ намояндагони сершумори ҷомеа бо хурсандӣ пешвоз гирифтанд.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳамроҳ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Қасри фарҳанги «Арбоб»-и назди Хуҷанд ташриф овард. Дар ин ҷо бо намояндагони насли калонсол, инчунин зиёиёни эҷодкор ва илмии вилояти Суғд вохўрӣ баргузор гардид.

Пешвои Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд кард, ки ба туфайли иродаи сиёсии Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дўстӣ ва эътимоди тарафайн байни кишварҳоямон мустаҳкамтар шуданд.

— Оё мо ҳатто тасаввур карда метавонистем, ки мушкилоти ҷамъшуда дар ин муддати кўтоҳ ҳалли худро меёбанд?! Ҳатто созмонҳои байналмилалӣ ба ин бовар надоштанд. Имрўзҳо байни давлатҳои мо ягон мушкилоти ҳалношуда вуҷуд надорад, фазои эътимоди тарафайн ба вуҷуд омадааст. Ташаббускор ва меъмори ин муносибатҳо мўҳтарам Шавкат Миромонович Мирзиёев мебошад, — гуфт Эмомалӣ Раҳмон.

Таъкид карда шуд, ки солҳои охир дар сарҳади Тоҷикистону Ўзбекистон 17 нуқтаҳои гузаргоҳӣ кушода шудааст, ки мардуми Тоҷикистон аз онҳо хеле миннатдоранд.

Сарвари давлати мо ба ҳозирин эҳтироми амиқ изҳор намуда, дар бораи аҳамияти қадр кардани муносибатҳои дўстӣ ва ҳамсоягии неки халқҳоямон ва рушди робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ суханронӣ кард.

— Пеш аз ҳама мехоҳам бигўям, ки аз вохўрӣ бо шумо, азизони ман, ҷамъият ва фаъолон, оқсақолони обрўманд, намояндагони аҳли зиё, ҷавонони вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд хушбахт ҳастам. Тавре ки роҳбари Тоҷикистон, бародари азизи ман Эмомалӣ Шарипович таъкид намуд, ин таърихе мебошад, ки баъзеҳо то ба он нарасиданд. Мардумони ўзбеку тоҷик бо дин, анъана ва арзишҳои муштарак дар тўли асрҳо дар ҳамсоягӣ зиста, дўст ва шарики ҳам буданд. Бешубҳа, ҳифзи ин давлати беназир чун гавҳараки чашм ва нигоҳ доштани он барои насли оянда қарзи мо мебошад, — гуфт Шавкат Мирзиёев. — Солҳои охир, ба туфайли муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва дўстии абадии Ўзбекистон ва Тоҷикистон, мо натиҷаҳои азим ба даст меорем. Албатта, шумо, намояндагони мўҳтарами ҷомеа ва зиёиёни ду кишвар низ дар ин муваффақиятҳо саҳми бебаҳо доред, мо онро хуб медонем ва ба он баҳои баланд медиҳем.

Беҳуда нест, ки як қисми муҳими чорабиниҳои пешбининамудаи барномаи сафари пешвои Ўзбекистон дар Хуҷанд сурат мегирад. Ин шаҳри бостонӣ барои халқҳои Ўзбекистон ва Тоҷикистон баробар азиз аст. Дарвоқеъ, он дар тўли асрҳо муҳимтарин маркази Роҳи Бузурги Абрешим буд ва дар ҳаёти фарҳангии тамоми минтақа нақши калон дошт.

Таърих корнамоиҳои фармондеҳони бузург — хоразмшоҳ Ҷалолиддин Мангубердӣ ва писари маъруфи Хуҷанд Темур Маликро, ки ба муқобили истилогарон паҳлў ба паҳлў истода буданд, дар хотираи халқҳоямон нигоҳ медорад. Шаҳр нақши муҳимро идома дода, дар даврони Темуриён, Шайбониён ва дар давраи хонигариҳо ривоҷ ёфтааст.

Хусусан он факт қобили таваҷҷўҳ аст, ки дар Хуҷанд Маркази ҷамъиятии маънавият ва маърифати ўзбек, мактаби илмии тайёр кардани мутахассисони филологияи ўзбек дар донишгоҳи маҳаллӣ фаъолият нишон медиҳанд.

Ўзбекистон ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳифз ва рушди фарҳанги тоҷикон, инчунин фарҳанги миллат ва халқиятҳои дигар аҳамияти калон медиҳад. Дар мамлакати мо зиёда аз як миллиону шашсад ҳазор тоҷик — ҳамватанони мо, ки дар рушди Ўзбекистон саҳми сазовор мегузоранд, зиндагӣ мекунанд. Инҳо олимони боистеъдод, соҳибкорон ва деҳқонон, муаллимон ва табибон, арбобони фарҳанг ва санъат, роҳбарони сатҳҳои гуногун мебошанд.

Дар таҳкими ризоияти байнимиллӣ 15 маркази фарҳангии миллии тоҷикон саҳми муҳим доранд. Рўзномаҳо ва маҷаллаҳо ба забони тоҷикӣ нашр мешаванд, барномаҳои телевизион ва радио интишор карда мешаванд. Дар Ўзбекистон 255 мактаб, факултетҳо ва шўъбаҳо дар як қатор донишгоҳҳои ҷумҳурӣ бо таълими забони тоҷикӣ фаъолият нишон медиҳанд. Дар соли ҷории таҳсил қабул ба ин самт ду баробар афзудааст.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

# ДУ МИЛЛАТЕ, КИ ТАЪРИХУ ТАҚДИРАШ БА ҲАМ ПАЙВАСТААСТ

**Имрўз алоқаҳои байни халқҳоямон аз ҷиҳати сифат ба зинаи нав бардошта мешавад**



Маълум аст, ки мардумони Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷику ўзбек аз қадим бо ҳам дўст ва ҳамкор ба шумор мераванд. Зеро ин ду миллат нафақат аз ҷиҳати географӣ ҳамсоянд, балки таърихи тақдирашон низ ба ҳам пайвастааст.

Риштаҳои таърихии дўстӣ ва бародарӣ дар чанд соли охир боз ҳам мустаҳкам гардидааст. Дар ин бобат хусусан иродаи сиёсии роҳбари давлатамон аҳамияти муҳим касб менамояд. Зеро дар баробари ба ваколати президентӣ шурўъ намудан ў бо давлатҳои ҳамсоя, аз ҷумла бо Тоҷикистон роҳи мустаҳкам намудани алоқаҳои ба ҳам муфидро интихоб намуд.

10-11 июни соли равон Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо ташрифи расмӣ дар Тоҷикистон буд. Ин ташриф низ барои боз ҳам мустаҳкам намудани алоқаҳои давлатҳоямон хидмат менамояд.

Пеш аз он ки дар бобати интизорӣ аз ин ташриф таваққуф намоем, мехоҳем дар бобати муваффақиятҳое, ки давлатҳоямон дар ҳамкорӣ ба даст овардаанд, бори дигар ёдрас намоем. Аз соли 2017 дар байни роҳбарони ду мамлакат 8 маротиба мулоқоти дуҷониба ба вуқўъ пайваст, президентҳоямон дар ҳамоишҳои байналхалқӣ иштирок намуданд. Аз ҷумла 9-10 марти соли 2018 ташрифи давлатии Президенти Ўзбекистон ба Тоҷикистон ба амал омада бошад, 17-18 августи ҳамон сол ташрифи давлатии Президенти Тоҷикистон ба Ўзбекистон ташкил карда шуд. 27-28 сентябри соли 2018 Президентамон дар доираи ҳамоиши Шўрои роҳбарони давлатҳои ИДМ, 14-15 июни соли 2019 бо мақсади иштирок дар ҷамъомади Ҳамкорӣ ва чораҳои эътимод дар Осиё бо ташрифи корӣ ба Тоҷикистон рафта буд. Ҳамзамон Президенти Тоҷикистон 29 ноябри соли 2019 барои иштирок дар мулоқоти машваратии дуюми роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ба мамлакатамон омада буд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон моҳи августи соли 2018 ба мамлакатамон бори аввал ташриф овард, ки онро алоҳида бояд зикр кард. Дар асnои он дар байни ҳайатҳои ду давлат масъалаҳои сиёсиву тиҷоративу иқтисодӣ, нақлиёт, обу энергетика ва дар дигар соҳаҳои муҳим мустаҳкам намудани алоқаҳо муҳокима гардиданд ва чун самараи ин ҳамкорӣ, дар байни давлатҳои Ўзбекистон ва Тоҷикистон Шартнома дар бораи шарикии стратегӣ ба имзо расид. Ин дар муносибати тарафайн саҳифаи нав боз намуд. Дар давоми музокирот 28 ҳуҷҷати дуҷониба ба имзо расид, ки ин аз ҳамон далолат медиҳад.

Ин ҳанўз ҳамаи доираи масъалаҳо нест. Дар давраи гузаштаи кўтоҳ роҳбарони ҳар ду давлат бисёр мулоқотҳо анҷом доданд, аз тариқи телефон суҳбат намуданд, роҳбарони ҳукуматҳо, вазоратҳо, идораҳо ва ҳудудҳои мамлакатҳо бо ҳам табодули ҳайат намуданд. Аз ҳама муҳимаш, ин анъанаи нек торафт авҷ мегирад. Дар асоси ин гуфтан мумкин аст, ки ин ҳамкорӣ барои манфиати дарозмуддати мардумони ҳар ду давлат ҷавобгў мебошад. Барои барқарории осудагӣ, бехатарӣ ва ҳам таъмини инкишоф дар Осиёи Марказӣ низ ин омили муҳим мегардад.

Муносибати ду мардуми қарин, ки ба дўстии қадима асос меёбад, солҳои охир аз лиҳози сифат ба дараҷаи баланд бардошта шуд. Ҳоло дар байни Ўзбекистон ва Тоҷикистон беш аз 70 муоҳида дар соҳаҳои иқтисодиёт, сиёсат, маданият ва ғайра ба имзо расида, дар ҳар ду давлат низ бисёр корхонаҳои муштарак роҳандозӣ гардида, дар байни соҳибкорон бо мақсади роҳандозии робитаҳои корӣ бизнес-форумҳо баргузор мегарданд, ки ин ҳама нишондодҳои ба худ хоси алоқаҳои дўстонаи байни халқҳоямон ба шумор меравад.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

Фикри депутат

# МИНБАЪД ЗАМИН ФАҚАТ ДАР САВДОИ МУЗОЯДА ФУРЎХТА Ё ХУД БА ИҶОРА ДОДА МЕШАВАД

***Халқи мо «Ери бойнинг эли бой» («Мардуми сарзамини сарватманд сарватманд мешаванд») мегўяд. Ин беҳуда нест. Дар замири ин ҳикмат маънои зиёд ҳаст. Воқеан замин мардумро мехўронад, мепушонад. Аз ин бармеояд, ки мо бояд заминро эҳтиёт кунем, аз ҳар порчаи он самарабахш истифода барем, ба қадри неъматҳои табиӣ бирасем.***

Солҳои охир ба истифодаи оқилона аз ин захираҳо ва ҳифз кардани онҳо, таъмин кардани қонун дар соҳаи муносибат бо замин эътибори зиёд дода мешавад, ки бесабаб нест. Мақсади ниҳоӣ аз тариқи ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотӣ дар тақсим кардани замин баробариву шаффофиятро таъмин кардан, заминро ба соҳибони аслии он додан мебошад.

Агар гўем, ки фармони роҳбари давлат «Дар бораи баробариву таъмин кардани шаффофият дар муносибат бо замин, ҳифзи боварибахши ҳуқуқҳои оид ба замин ва табдил додани онҳо ба сармояҳои бозаргонӣ» барои ҳаллу фасл кардани муаммоҳои тақсими замин ба сифати ҳуҷҷати муҳим хизмат хоҳад кард, муболиға намешавад.

Ҳангоми бо матни фармон шинос шудан ман амин гардидам, ки он яке аз ҳуҷҷатҳои муҳими солҳои охир дар бораи истифодаи замин эълоншуда мебошад. Зеро ин ҳуҷҷат ба ҳаллу фасли нуқсонҳое, ки ба пешрафти соҳа монеа мешаванд, нигаронида шудааст, барои аз байн бардоштани ин муаммоҳо хидмат мекунад.

Чунончи, аз 1 августи соли 2021 қитъаҳои замин ба секторҳои хусусӣ – дар пояи ҳуқуқи мулк ва иҷора ба мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, корхонаҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрвандон дар асоси ҳуқуқ барои истифодаи доимӣ дода мешавад, ки орзуву омоли аксарият буд.

Заминҳое, ки барои хоҷагии қишлоқ пешбинӣ гардидаанд, мувофиқи ҷамъбасти озмуни кушоди электронӣ, ки натиҷаҳои онҳо аз ҷониби Шўрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, қарори ҳокимияти вилоятҳо ва шаҳри Тошканд тасдиқ шудаанд, тақсим карда мешаванд.

Агар дар ёд дошта бошед, аз соли ҷорӣ низоми ба ҷавонон тақсим кардани майдони заминҳо ба роҳ монда шуда буд. Низоми мазкур дар муддати кўтохи сипаришуда худро пурра сафед кард. Дар натиҷаи он ҳазорҳо нафар ҷавонон – писарону духтарон дар маҳалҳо соҳиби кор, соҳиби манбаи даромад гардиданд. Минбаъд барои идома додани корҳои мазкур, дар асоси таҷрибае, ки дар Сурхондарё оғоз ёфт, ба аҳолии бекор заминҳои хоҷагии қишлоқ барои бо деҳқонӣ машғул шудан ба муддати 10 сол барои иҷора дода мешавад, ки фикр мекунам, қарори оқилона аст.

Бешубҳа, эътибори ҷиддӣ ба ин чараён беҳуда нест. Зеро дар байни захираҳое, ки инъоми табиат мебошанд, замин мақоми махсуси ҳуқуқӣ дорад. Яъне минбаъд заминро ба соҳиби ҳақиқӣ – ба халқ дода, бояд якҷо бо ҳокимон, роҳбарони секторҳо кам кардани кадом майдонҳои пахта ва ғалларо аниқ кунем, барои ба аҳолии бекор додани онҳо чораҳои зарурӣ андешем.

Бо як сухан аҳамияти фармони мазкур бояд дар байни аҳолӣ васеъ тарғибу ташвиқ карда шавад, бояд дар маҳалҳо барои таъмин кардани иҷрои он фаъол иштирок намуд, ҷудо кардан ва истифода бурдани майдонҳои заминро таҳти назорат гирифт. Зеро истифодаи оқилона аз ҳар як ваҷаб замине, ки манбаи зисту зиндагӣ мебошад, кафолати барқарории иқтисодӣ ба шумор меравад.

**Одинахон ОТАХОНОВА,**
**узви Кумитаи масъалаҳои аграрӣ ва хоҷагии оби Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

Муносибат

***Дар чараёни боздиди сарвари давлати мо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дўстӣ, ҳамсоягии нек ва шарикии стратегии байни Ўзбекистон ва Тоҷикистон, муайян кардани «нуқтаҳои рушд»-и шарикии гуногунҷабҳа ва пешбурди лоиҳаҳои мушаххас ҷиҳати тавсеаи ҳамкориҳои амалии дарозмуддат таваҷҷўҳ зоҳир карда шуд.***

# ҲАМКОРИИ ДУ ДАВЛАТ БОЗ ҲАМ ТАҲКИМ МЕЁБАД



Имрўз иродаи сиёсӣ ва сиёсати оқилонаю дурандешонаи президентҳои Ўзбекистон ва Тоҷикистон дар таърихи кишварҳои мо саҳифаи нав кушод. Дар муддати кўтоҳ муносибатҳои ду кишвар тақвият ёфта, ҳамкории мустаҳкам ба роҳ монда шуд.

Бо ташаббуси роҳбари давлати мо масъалаҳои гумрукӣ ва сарҳадии байни ду кишвар ҳалли худро ёфтанд. Ҷараёни туризми мутақобила сол аз сол густариш меёбад. Ормону орзуҳои шаҳрвандони мо барои аёдати наздикони худ ҷомаи амал пўшид. Риштаҳои қадимии хешутаборӣ ва бародарии байни халқҳои ўзбек ва тоҷик барқарор гардиданд.

Аз ҷумла, дар вилояти Самарқанд, ба мисли тамоми миллатҳо дар сулҳ ва ҳамфикрӣ зиндагӣ кардани тоҷикон, маънои аз азал яктану якҷон будани як халқи бо ду забон ҳарфзанандаро дорад.

Алоҳида қайд кардан ҷоиз аст, ки муносибатҳои ду кишвар дар ҳама самтҳо вусъат ёфта, алалхусус муносибатҳои байнипарлумонӣ ривоҷ меёбанд. Гурўҳи байнипарлумонӣ оид ба ҳамкории Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Ба мубодилаи мунтазами ҳайатҳои парлумонӣ, мубодилаи таҷриба дар соҳаи қонунгузорӣ ва назорату таҳлилӣ диққати калон дода мешавад.

Таъмини иштироки парлумонҳои ду кишвар дар конфронсҳо ва форумҳои байналмилалӣ дар Ўзбекистон ва Тоҷикистон низ самти муҳими ҳамкориҳои байнипарлумонӣ мебошад. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муштарак механизми доимии ҳамкории байнипарлумониро ба роҳ мондан мумкин.

Дар оянда, бешубҳа, ҳамкории байнипарлумонӣ дар рушди минбаъдаи муносибатҳои ду кишвар, таъмини иҷрои саривақтӣ ва босифати созишномаҳои дар соҳаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, илмию техникӣ, сармоягузорию технологӣ, фарҳангию гуманитарӣ, нақлиёту коммуникатсия ба дастомада нақши муҳим мебозад.

Рушди мусбати муносибатҳои Ўзбекистон ва Тоҷикистон ба рушди устувори тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат хоҳад кард.

**Шавкат ҶАЛОЛОВ,**
**узви Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон.**

# ХАЛҚҲОЯМОН АЗ ФАЗОИ НЕКҲАМСОЯГӢ ВА ДӮСТИИ АБАДӢ ХУШҲОЛАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Танҳо дар солҳои охир зиёда аз 130 нафар ҳамватанони миллати тоҷик бо мукофотҳои олии давлатии Ӯзбекистон сарфароз гардонида шуданд.

Дар кишварҳои мо ба омӯзиш ва ғанигардонии тарафайни адабиёт ва санъати ду халқ диққати калон дода мешавад. Ба ин бастаи мустаҳками ҳуҷҷатҳое, ки дар ҷараёни сафари Президенти Ӯзбекистон ба имзо расидаанд, мусоидат мекунад. Аз ҷумла, созишномаҳои ҳамкориҳои фарҳангию гуманитарӣ як қатор лоиҳаҳоро пешбинӣ мекунанд, ки барои мустаҳкам намудани робитаи маънавии халқҳоямон, муттаҳид сохтани ҷавонони мо дар атрофи манфиатҳои муштарак пешбинӣ шудаанд.

Зимни мулоқот қайд карда шуд, ки ҷаҳони муосир босуръат тағйир меёбад, даъватҳои нав ва таҳдидҳо ба амният, аз ҷумла, дар минтақаи мо ба миён омада истодаанд.

— Мо бояд сарвати бузурги худ — сулҳ ва субот, дӯстӣ ва ҳамкориро махсусан қадр намоем ва афзоиш диҳем, дар ҷавонамон эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва умумибашариро тарбия намоем, — гуфт роҳбари Ӯзбекистон. — Танҳо бо муттаҳид сохтани саъю кӯшиш мо метавонем ба ҳадафҳои умумӣ — таъмини сулҳ ва некӯаҳволӣ, шукуфоии наслҳои оянда расем. Боварӣ дорам, ки шумо, намояндагони мӯҳтарами зиёиёни эҷодкор ва илмӣ бо дониш ва таҷрибаи бойи ҳаётӣ, бо нерӯ ва ғайрати хоси худ, дар таҳкими дӯстии Ӯзбекистону Тоҷикистон саҳми сазовори худро мегузоред. Ва ман мутмаинам, ки чунин рисолати олӣ ва наҷиб дар дасти шумост.

Президентҳо аз Қасри фарҳанги «Арбоб» дидан карданд. Ин маҷмаа соли 1959 сохта шудааст. Он барои халқи тоҷик аҳамияти таърихӣ дорад. Дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта дар ин ҷо қарорҳои муҳими марбут ба истиқлолияти кишвар қабул карда мешуданд. Дар ин ҷо, дар соли 1992, лаҳзаи барои Тоҷикистон тақдирсоз, Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси сарвари давлат ба кор шурӯъ кард.

Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо ҳамроҳии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз корхонаи «Қолинҳои Қайроққум» дидан кард.

Фабрикаи қолинҳо дар соли 1957 ба истифода дода шудааст. Соли 2019 корхона азнавсозӣ шуда, дар ин ҷо таҷҳизоти технологии Олмон, Италия, Ҷопон, Чин ва дигар кишварҳо ҷорӣ карда шуд. Дар натиҷа сифати маҳсулот беҳтар гардид.

Имрӯз корхона қодир аст, ки соле 3 миллион метри мукааб маҳсулот истеҳсол намояд. Дар ҳоле ки он ба иқтидори комил мерасад, имконот ба вуҷуд меоянд, ки соле 5 миллион метри мукааб маҳсулот истеҳсол гардад.

Ин қолинҳо бо зебоӣ ва тарҳи худ маъруф мебошанд, ки анъанаҳои Шарқро инъикос менамоянд. Ҳамзамон истеҳсоли қолинҳо дар усули авангард роҳандозӣ гаштааст. Барои сифати баланди маҳсулот корхона соҳиби мукофотҳои мухталифи байналхалқӣ гаштааст.

Ба Президенти Ӯзбекистон дар бораи ҷараёни инкишофи корхона ва лоиҳаҳои татбиқгардандаи он нақл намуданд.

Дар роҳ ба сӯи объекти навбатӣ корвони мошинҳои раҳбарони ду кишвар дар обанбори Қайроққум истоданд. Президентҳо обанборро аз назар гузарониданд ва сӯҳбати кӯтоҳ анҷом доданд.

Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Муассисаи давлатии «Боғи миллии Ваҳдат» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд дидан карданд.

Дарёи Сирдарё аз вилояти Суғд мегузарад, ки ба шарофати он кишоварзӣ дар минтақа, хусусан истеҳсоли меваю сабзавот ба таври васеъ рушд кардааст. Тақрибан 43 фоизи тамоми ҳаҷми маҳсулоти кишоварзии кишвар ба ҳиссаи ин вилоят рост меояд.

«Боғи миллии Ваҳдат» соли 2008 таъсис ёфтааст. Он 700 гектарро дар бар гирифта, аз он дар 500 гектар дарахтони мева парвариш карда мешавад. Дар ин ҷо сардхонаи зарфияташ то 300 тонна мавҷуд аст.

Аз соли 2018 парвариши моҳӣ низ ба роҳ монда шудааст. Дар айни замон, дар чор ҳавз парвариши чунин намуди моҳиҳо, аз қабили амури сафед, пешонағафс ва зағорамоҳӣ парвариш карда мешаванд.

Ҳамкориҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар соҳаи кишоварзӣ босуръат рушд менамоянд. Дар ҷараёни мулоқотҳои сатҳи олӣ бисёр созишномаҳои шарикӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба имзо расиданд. Аз ҷумла, дар рафти сафари мазкур сарвари давлати мо ба «харитаи роҳ» оид ба рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ имзо кард.

Президентҳо бо намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон, ки дар қаламрави боғ ташкил карда шудааст, шинос шуданд. Ба масъулини ду кишвар оид ба таъминоти мутақобилаи маҳсулоти меваю сабзавот, нигоҳдорӣ ва содироти онҳо супориш дода шуд.

Бо ҳамин сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон ба анҷом расид. Дар фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд сарвари давлатамонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон гусел кард.

**Матназар ЭЛМУРОДОВ,**
**мухбири махсуси ЎзА.**

*ХУҶАНД — ТОШКАНД*

*Дар арзҳои дӯстӣ*



# ҚАСРИ МУҲТАШАМИ ДОНИШ ДАР УРГУТ

Соли 2018 дар таърихи муносибатҳои дӯстонаи халқҳои тоҷику ӯзбек бо ибтикору дурандешӣ ва ҷасорату матонати ду бузургмард – Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон саҳифаи нав боз шуд. Ҳамон сол нахустин сафари расмии Президенти кишварамон ба Тоҷикистони бародарӣ ба амал омад, ки омили муҳими рушди ҳамкориҳои ду мамлакат гардид. Сарони давлат ба ҳукуматҳои ҳар ду кишвар супориш дода буданд, ки омӯзиш ва таълими забони ӯзбекӣ дар Тоҷикистон ва забони тоҷикӣ дар Ӯзбекистон ба роҳ монда шавад. Дар асоси ин аҳду паймон дар деҳаи хушҳавои Мерганчаи ноҳияи Ургут қасри муҳташами дониш қад афрохт.

10-уми июн зимни ташрифи сарвари давлатамон ба Тоҷикистон ин муассисаи таҳсили миёнаи умумӣ дар доираи ҳамкории дуҷонибаи ҳукуматҳои ду кишвари ҳамҷавор ба тарзи онлайн кушода шуд.

Бо ҳамин муносибат сарварони Ӯзбекистону Тоҷикистон сухан гуфта, таъкид карданд, ки дар Ургут кушода шудани муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ин боз як иқдом барои мустаҳкам сохтани риштаҳои дӯстӣ дар байни ду миллату ду кишвар аст.

Зери кафкӯбии ҳозирон сарварони ду давлат тавассути тугмаи махсус бинои мактаби навбунёди замонавиро кушоданд. Баъд меҳмонону мизбонон қасри донишро аз назар гузарониданд.

Бояд таъкид намуд, ки барои бунёди ин иншооти сеошёна, ки барои 640 нафар хонанда пешбинӣ шудааст, аз ҷониби Тоҷикистон беш аз 30 миллиард сӯм маблағ ирсол гардид. Мактаб дорои 26 синфхона, толори маҷлису варзиш, ошхона, китобхона буда, бо ашёҳои аёнӣ ва китобҳои дарсӣ, адабиётҳои бадеӣ пурра таъмин аст. Боздиди қасри дониш ба меҳмонону мизбонон таассуроти нек гузошт.

Дар толори он ҷамъомади бошукӯҳ ба вуқӯъ пайваст, ки вазирони таълими халқии ду мамлакат ба сухан баромаданд.

– Дар кушодашавии мактаб иштирок кардани ду Президент воқеан ҳодисаи аҷиб ва нодир аст, – иброз дошт вазири таълими халқи Ӯзбекистон Шерзод Шерматов. – Сарвари давлатамон муҳтарам Шавкат Мирзиёев бо таваҷҷӯҳи махсус ба масъалаҳои вусъат додани муносибатҳои тарафайн дар соҳаи маориф ва фарҳанг ҳарф зада, таъкид кард, ки барои ҳифз кардан ва инкишоф додани забони модарӣ, фарҳанги миллӣ ва расму анъанаҳо шароити боз бештар мусоид фароҳам оварда мешаванд.

Ҳатто ҳангоми кушодашавии мактаб ба ҳокими вилояти Самарқанд супориш дода шуд, ки барои дониш гирифтани фарзандони ду миллат набояд мушкиле бошад.

– Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, – гуфт вазири таълими халқи Тоҷикистон Муҳаммадюсуф Имомзода, – «Ҳамсоягии тоҷикону ӯзбекҳо, дар як муҳити ҷуғрофӣ зиндагӣ кардану аз як сарчашма об нӯшидани онҳо ҳукми тақдир аст. Эҳсоси олии дӯстӣ, бародарӣ ва дастгирии якдигар асосҳои таърихии муносибатҳои байни халқҳои мо буда, тӯли асрҳо аз насл ба насл интиқол ёфтаанд. Тоҷикону ӯзбекон ду халқе ҳастанд, ки тамоми арзишҳои ахлоқӣ, одобу рафтор ва ҷашну маросими онҳо ба ҳамдигар хеле шабоҳат доранд».

Хушбахтона, бо иродаи сиёсии ду Президент алҳол барои муошират ва рафтуомади озодонаи шаҳрвандони ҳар ду кишвар ҷиҳати ҳамкорӣ, дидорбинӣ, саёҳату тиҷорат, илму дониш гирифтан тамоми шароит фароҳам оварда шудаанд.

Бовар дорам, ки таълимгоҳи мазкур барои боз ҳам мустаҳкам гардидани риштаҳои дӯстӣ хизмати шоиста мекунад. Ҳоло ман ба хотири ҳамкорӣ тахтаи шоҳмотро ҳадя мекунам, то ки шатранҷбозони ин даргоҳи дониш чемпион шаванд, – гуфт ӯ дар хотима.

Ҷорабинӣ бо баромади дастаи ҳунарии маҳфили санъат ба поён расид.

– Ман ҳамчун муаллими забон ва адабиёти тоҷик ба кор таклиф шудам, – бо ҳисси шодмонӣ гуфт Алишер Тӯрақулов. – Дар муддати кӯтоҳ хонаи адабиётро бо расму шоҳбайтҳои шоирони классику муосир ҷиҳозонидем, ки ба меҳмонони тоҷикистонӣ писанд омад. Китобҳои дарсӣ ва бадеиро ба мо Вазорати таълими халқи кишвари ҳамсоя туҳфа кард.

Аз имконият истифода бурда таклиф мекардам, ки таълимгоҳи мо ба номи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ё шоири зиндаёд Лоиқ Шералӣ гузошта шавад.

– Дар Самарқанд қариб сад мактаби омехтаи ӯзбекиву тоҷикӣ вуҷуд дорад, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд сардори садорати таълими халқи вилоят Зебунисо Шодиева.

– Дар ҳамаи онҳо шароити хуби таълиму тарбия ҳастанд. Боиси хурсандист, ки шогирдони мо, ки ба забони тоҷикӣ таҳсил мегиранд, ба мактабҳои олӣ дохил мешаванд. Дуруст гуфтаанд, ки: «Ҳар кӣ ба забони худ сухандон гардад, омӯхтани сад забонаш осон гардад».





**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**
**Дар аксҳо: лавҳаҳо аз мактаб дар ноҳияи Ургут.**

***Дар давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёди мо ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ риоя карда мешавад. Дар бисёр шаҳру ноҳияҳои мамлакат саҳифаҳо ва рӯзномаҳои алоҳида ба забони тоҷикӣ рӯйи чопро мебинанд. Тавассути шабакаҳои телевизион ва радиоҳои марказию минтақавӣ ба забони тоҷикӣ намоишу гуфторҳо ба эфир дода мешаванд.***

# ДУ МИЛЛАТЕ, КИ ТАЪРИХУ ТАҚДИРАШ БА ҲАМ ПАЙВАСТААСТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Солҳои охир дар байни ду мардум робитаҳои маданиву гуманитарӣ низ фаъол гардид. Дар пойтахтҳои ҳар ду давлат марказҳои миллию маданӣ кушода шуданд. Дар Ӯзбекистон мактабҳое сохта шуданд, ки ба забони тоҷикӣ ихтисос ёфта, дар Тоҷикистон бошад, чунин мактабҳо ба забони ӯзбекӣ ихтисос ёфтааст. Дар байни аҳли адабиёт ва санъат сафарҳои эҷодӣ, консерту намоишгоҳҳо ва анҷуманҳои мухталиф ва инчунин рӯзҳои маданият ташкил мегарданд.

Мисле ки дар тамоми соҳаҳо ба назар мерасад, дар байни давлатҳоямон табодули савдо ба ҷониби мусбӣ тамоил дорад, ки ҳамаро мамнун месозад. Сарфи назар аз пандемия, соли гузашта робитаҳои тиҷоратӣ ба тадриҷ давом дода шуд. Агар расондани ҳаҷми амвол ба тарафи ҷонибҳо ба эътибор гирифта шавад, дар ду соли охир ба даҳ бор зиёд мегардад. Дар ин бобат воситаҳои нақлиёт ва хидматрасонӣ, маҳсулоти бофандагӣ ва пластмас ва инчунин васоили техникаи маишӣ ҷойгоҳи асосиро ишғол менамояд.

Ҷиҳати истеҳсоли ҷамъоварии техникаи кишоварзӣ, масолеҳи сохтмон, маҳсулоти омодаи бофандагӣ, хӯроквори ва ғайра низ муоҳида ба амал меояд, дар соҳаи энергетика ҳамкорӣ мустаҳкам мегардад. Ӯзбекистон ба Тоҷикистон гази табиӣ мерасонад, ҳаҷми фурӯши электроэнергияи Тоҷикистон ба Ӯзбекистон меафзоянд.

Бинобар фикри мутахассисон, дар даврони пандемияи соли гузашта низ Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар байни кишварҳои ИДМ ба нишондодҳои баланди иқтисодӣ муваффақ гаштаанд, ки ин низ натиҷаи ба худ хоси алоқаҳои боманфиати байни мамлакатҳоямон ба шумор меравад.

Ташрифи кунунии Президентамон алоқаҳои байнидавлатиро ба дараҷаи нави стратегӣ мебарорад ва ҳамкории манфиатбахши тарафайнро боз ҳам барои ривоҷ додан дари имкониятҳои навро боз менамояд ва барои ин суханон тамоми далоил вуҷуд дорад. Инро суханони Президентамон, ки дар мулоқоти ҳайати васеи роҳбарони давлат гуфта шуд, собит менамояд: «Бо кӯшиши муштарак корҳои беқиёсро ба амал овардем ва онҳо дар солномаи муносиботи тарафайн ҷой гирифт».

Умуман, дар музокирот маълум гардид, ки ҷонибҳо дар роҳи васеъ намудани шарикии стратегӣ фикри қатъӣ доранд ва дар ин бобат изҳор медоранд, ки чораҳои дақиқ андешанд. Ин чиз аз он далолат менамояд, ки дар байни муносибати Ӯзбекистон ва Тоҷикистон куллан давраи нав оғоз мегардад.

**Гавҳар АЛИМОВА,**
**узви Сенати Олий Маҷлис,**
**ҳокими шаҳри Каттақӯрғони вилояти Самарқанд.**

# Иттиҳодияи эҷодии журналистон дар «Овози тоҷик»

Бояд гуфт, ки дар баробари дигар расонаҳои ахбори оммавӣ нашрияҳои тоҷикӣ низ ҳамеша дар мадди назари Иттиҳодияи эҷодии журналистони Ӯзбекистонанд. Ходимони онҳо аз ҷониби иттиҳодия рағбатнок карда мешаванд. Соли сипаригардида дар шаҳри Самарқанд 30-солагии рӯзномаи «Овози Самарқанд» васеъ ҷашн гирифта шуд. Ҷамоаи рӯзномаи мазкур дар самти матбуот ғолиби озмуни «Олтин қалам» маҳсуб меёбад. Бояд гуфт, ки ин озмун ҳар сол аз ҷониби Иттиҳодияи эҷодии журналистон созмон дода мешавад.

Рӯзномаҳои миллии марказӣ низ аз мадди назар дур нестанд. Дирӯз дар таҳририяти рӯзномаи «Овози тоҷик» Иттиҳодияи эҷодии журналистон чорабинии навбатии худро баргузор намуд. Дар он раиси Иттиҳодияи эҷодӣ Олимҷон Ӯсаров таъкид намуд, ки дар мамлакатамон ислоҳоти шурӯъгардида доир ба озодии сухану матбуот пайгирона идома дорад, аз ҷониби иттиҳодия намояндагони РАО муттасил мавриди дастгирӣ қарор мегиранд, дар бахши таҳким бахшидани дӯстии байни миллатҳо корҳои зиёде анҷом дода мешаванд.

Дар доираи чорабинӣ аз ҷониби иттиҳодия ба таҳририяти рӯзномаи «Овози тоҷик» маҷмӯъи компютери замонавӣ туҳфа карда шуд. Ҳамчунин, ба сармуҳаррир Шерпӯлод Вакилов ва котиби масъули рӯзнома Аълам Нарзиев гувоҳнома оиди пазируфта шудан ба узвияти Иттиҳодияи эҷодии журналистони Ӯзбекистон ва нишони сарисинагӣ супурда шуд.

**(Мухбири худамон).**

# «КИТОБХОНАИ ТАЪҶИЛӢ» — ДАР МАҲАЛЛАҲО

Шуъбаи ноҳияи Попи Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ бо ҳамкории Маркази ахбори китобхонаи ноҳия дар доираи «Китоб – оинаи маънавияти инсон» дар маҳаллаҳо китобхонаи таъҷилӣ ташкил намуд.

Китобҳои бадеӣ, сиёсӣ ва оиди соҳаҳои гуногун аз рафи «китобхона» ҷой гирифтаанд.

Ташкилотчиёни чорабинӣ дар ҳузури аҳолии маҳаллаҳои Боғкӯча, Ойбек, Пиллакаш, Гузар ва Миришкор буда, оиди фаъолияти китобхона ва манфиати мутоилаи китобхонӣ сухан ронданд.

– Чорабинии мазкурро дар асоси иҷрои қарори Девони Вазирон «Дар бораи рушди маданияти китобхонӣ дар солҳои 2020-2025 ва тасдиқи дастгирии барномаи миллӣ» ташкил намудем, – мегӯяд раҳбари шуъбаи ноҳиявии Маркази маънавият ва маърифат Фарҳодҷон Примназаров.

Дар ин тадбире, ки ба мақсади такмили маънавияти аҳолӣ, ҳавасманд кардани онон ба китобхонӣ, барқарор намудани қадриятҳои миллӣ, махсусан, барои васеъ гардондани ҷаҳонбинии ҷавонон нигаронида шудааст, шаҳрвандони маҳаллаҳо фаъол иштирок карданд.

– Ба ташкилотчиён ташаккур, – гуфт бошандаи маҳаллаи Пиллакаш Машраббой Исмоилови 73-сола. – Ин ташаббус ба ҷаҳонбинии ҷавонон хеле муҳим мебошад. Зеро китобхона то дари хонаамон омад. Мо, калонсолон аз он китобҳо харида ба ҷавонон намуна бояд шавем, то ки дар қалби онон меҳр ва ҳаваси китобхониро бедор кунем. «Китобхонаи таъҷилӣ» аллакай дар рӯзи аввал 138 нафарро ба худ аъзо намуд.

**Шоҳида ДАМИНОВА.**

*Вилояти НАМАНГОН.*

## ХАБАРҲО

### Қабули ваксинаи «Спутник V» дар Ӯзбекистон

***Назар ба маълумоти хидмати матбуоти Вазорати тандурустӣ, аз Русия дувумин компоненти 70 ҳазор дозаи ваксинаи «Спутник V» оварда шуд.***

Дар моҳи апрел 100 ҳазор дозаи ваксинаи мазкур, 31 май компоненти якуми 70 ҳазор доза аз кишвари зикршуда оварда шуда буд. Ҳамин тавр, захираи ваксинаи Ӯзбекистон ба 4 миллиону 330 ҳазор доза расид. Айни замон аз ин миқдор бештар аз 2 миллион доза ваксина мавриди истифода гашт. То 10 июн дар мамлакат ҷамъи эмшудагон 1 531 681 нафарро ташкил намуд.

Шаҳрвандонамон дар ин ҷараён аз охирҳои моҳи апрел фаъолона иштирок менамоянд. Ҳаминро низ бояд қайд кард, тақрибан нисфи «Спутник V», ки ба Ӯзбекистон оварда шудааст, таҳти кӯмаки молиявии соҳибкори Русия Алишер Усмонов амалӣ гардидааст.

### Мобилҳои иловагӣ дар сохтори тиббӣ

***Навъе ҷонишини вазири тандурустии ҷумҳурӣ А.Азизов зимни анҷумани матбуотӣ маълум намуд, то ҷамъбасти соли 2021 дар сохтори тиббиёт мобилҳои иловагӣ бо унвонҳои «Ордери электронӣ», «Ҳисоботи ҷиҳози тиббӣ», «Захираҳои кадрӣ», «Суғуртаи тиббӣ», «Омӯзиш бо тарзи онлайн» ба кор андохта мешаванд.***

Дар давоми солҳои 2022-2025 картаи тиббии электронӣ, шифохонаи электронӣ, ретсепти электронӣ, лаборатория ва радиология ва сохторҳое, ки ба зеҳнияти сунъӣ асоснок гаштаанд, низ ҷорӣ мегарданд.

Айни замон дар муассисаҳои тиббиёт як қатор сохторҳои иттилоотӣ ба кор андохта шудаанд. Ба сохтори иттилоотии «Поликлиникаи электронӣ» 423-то муассисаи тиббии кӯмаки аввал васл ва 10546 нафар ходимони тиббиёт номнавис шудаанд. Ҳамчунин дар бораи таърихи бемории 9 миллион нафар маълумот мавҷуд. Имконият фароҳам омада, ки акнун ба ҷадвали кори духтурон аз тариқи онлайн шинос шавем, ба қабулҳо масофавӣ худро нависонем. Бо мақсади самаранок ба роҳ гузоштани сохтори кӯмаки таъҷилии тиббӣ сохтори идоракунии ягонаи иттилоотии «103» ба тариқи таҷриба дар шаҳри Тошканд ба кор андохта шуд, таъкид ёфт дар анҷумани матбуотӣ.

### Бинои китобхонаи нав – туҳфаи соҳибкор

***Дар ноҳияи Марҳамати вилояти Андиҷон соҳибкор Қобилҷон Обидов аз ҳисоби маблағи шахсиаш китобхонаи ҷамоатӣ барпо кард, ки аз се ошёна иборат мебошад.***

Ба растаҳо тақрибан 150 ҳазор китобро ҷойгир сохтан мумкин. Дар асоси услуби шарқона ва меъмории замонавӣ қад рост кардани бинои замонавӣ ба маркази ноҳия ҳусни нав зам менамояд. Охирин корҳои таъмирӣ пеш бурда ва ба маросими кушоиш низ омодагиҳо дида мешавад.

Баъде китобхона пурра мавриди истифода гашт, тавассути компутерҳои замонавӣ имконияти мутолиаи бештар аз 300 ҳазор китоби электронӣ фароҳам меояд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



# Талабагони бухороӣ – ғолиби фестивали байналхалқӣ

Ба қарибӣ омӯзгорони забони хориҷии мактаби миёнаи рақами 29-и шаҳри Бухоро Навбаҳор Қӯлдошева ва Нафиса Худойназарова бо шогирдони худ дар ҷашнвораи театр ва суруди франкофони донишҷӯён ва талабагон, ки аз ҷониби сафоратхонаи Ўзбекистон дар Фаронса созмон ёфтааст, иштирок карданд. Намоишномае, ки онҳо таҳти унвони «Табиат ва офат» иҷро карданд, байни синфҳои ибтидоӣ сазовори мукофоти «Молиер барои беҳтарин намоишнома» гардид. Дирӯз сардори садорати таълими халқи вилоят Дилфуза Мустафоева навrасони ғолиб, устодон ва падару модарони онҳоро бо комёбии арзандаашон муборакбод намуд.

# Мавсими истироҳати бачагон

Давраи истироҳаткунии мактаббачагон фаро расид. Мавсими имсола дар 11 оромгоҳи беруназшаҳрӣ ва 129-то майдончаи солимгардонии рӯзона, ки назди мактабҳои таҳсилоти умумӣ созмон ёфтаанд, ҷамъ дар 140 ҷой ташкил намудани истироҳати шавқовари наврасон ба нақша даромадааст.

Аз ҷумла, дар 11-то оромгоҳи шабонарӯзӣ бо назардошти риояи талабҳои ҳимоя аз пандемия 3 ҳазору 455 нафар ва дар майдончаҳои солимгардонии рӯзонаи таълимгоҳҳо 11 ҳазору 290 нафар, яъне аз 233 ҳазору 709 нафари бачагони 7-14 сола ба истироҳат ҷалб намудани 14 ҳазору 745 нафари онҳо пешбинӣ шудааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки фаъолияти оромгоҳҳо ҳар пагоҳӣ бо машғулиятҳои солимгардонӣ оғоз ёфта, сипас навбат ба маҳфилҳои гуногун, аз қабили мутолиаи китоб, мусобиқаҳои варзишӣ, викторинаҳо, бозиҳои шавқовар ва шабнишиниҳо мерасад. Дар оромгоҳҳо хусусан аз рӯзи нахустин амал кардани варзиши бадан, машғулиятҳои иловагӣ аз фанни забони англисӣ, информатика дар асоси бозиҳои шавқовар, бешубҳа, ба наврасон писанд меояд. Аз ҷумла, дар ноҳияи Олот дар мактабҳои таълими умумӣ ва мактаб-интернати таълими умумии давлатии рақами 14-ум баҳри табъи дил истироҳат кардани шогирдон дар чор баст зина ба зина барнома таҳия ёфта, ба он бештар аз 600 нафар омӯзгорон ҷалб гардидаанд. Бинобар хабари хидмати матбуоти садорати таълими халқи вилоят дар оромгоҳҳо ба бачагон омӯхтани қоидаҳои ҳаракати роҳ низ ба роҳ монда шудааст.

**Дар Бухоро ба муносибати Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ таҳти шиори «Варзишро дӯст дор, бо варзиш зӣ!» байни ҷавонони номуташаккили маҳаллаҳо марҳилаи вилоятии мусобиқаҳои минифутбол барои ҷоми «Сардори садорати хидмати бехатарии давлатии вилояти Бухоро» баргузор гардид.**

## Ҷавонони Пешкӯ – соҳиби ҷом

Дар он 13 команда аз шаҳру ноҳияҳои вилоят бо ҳам қувваозмоӣ намуданд. Дар мусобиқаи ҳалкунандаи финалӣ, ки байни ҷавонони маҳаллаҳои «Қарақалпоқ»-и ноҳияи Пешкӯ ва «Некиши»-и ноҳияи Шофиркон дар варзишгоҳи ДДБ ба амал омад, футболбозони пешкӯӣ бо ҳисоби 3:2 ғолиб баромада, соҳиби ҷом гардиданд.

Ба ғолибон ҷом, медали тиллоӣ ва тӯҳфаҳоро роҳбарони секторҳои вилоят супориданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

Ба муносибати 100-солагии Зикир Муҳаммадҷонов

# ҲУНАРПЕШАИ ЗАБАРДАСТ

Санъаткорон бисёр, вале аз байни онҳо нафароне, ки ба дараҷаи бузургӣ ва забардастӣ расидаанд, башумор. Зикир Муҳаммадҷоновро метавон ҳунарпешаи забардаст номид.

Ҳафтдаҳро пур кард. Мехост ҳуқуқшинос шавад. Чӣ шуду дар кӯча коргардони театр ва драматург Маннон Уйғурро дучор омад ва ҳарду дурудароз суҳбат карданд. Ба ман маъқул шудӣ, гуфт М.Уйғур, чӣ мешавад гуфтугӯро пагоҳ дар театр давом диҳем?

Зикири он вақт ҷавон аз ҳамсуҳбатӣ бо марди соҳибдил як ҷаҳон завқ бурд, вай низ мехост бо ин гуна ашхос мулоқотҳо бардавом бошанд. Пагоҳи он рӯз ба театр рафт, М.Уйғур ӯро ба режиссёр Етим Бобоҷонов шинос намуд. Он ду устоди санъат хостанд Зикирро, ки ба санъат майл доштанаш аз чашму рӯяш аён шуда меистод, дар саҳнаҳои оммавӣ аз санҷиш гузаронанд. Фикр кард: ҳуқуқшинос шавад ё актёр?

Ҷуз нафароне, ки зикр кардем, ҳамаи онҳое, ки дар театр ӯро ба суҳбат кашиданд, самимӣ ва «ҷони одам» ба назараш тофтанд. Бинои театр низ мӯъҷизавӣ, саҳнаи он муқаддас. Модоме ба чунин даргоҳ таклиф мекунанд ва ба оянда доштанаш бовар доранд, чаро хоҳиши онҳоро рад кунад?

Ҳамин тавр таърихи ба театр пайвастани Зикир Муҳаммадҷонов оғоз ёфт. Дар саҳнаҳои оммавӣ намудор шуда истодан ҳам бахти баланд буд барояш. Афсӯс, осудагӣ дер давом накард – саршавии ҷанги ҷаҳонӣ маҷрои ҳаёт дар театри ба номи Ҳамзаро низ дигаргун сохт. Хусусан, солҳои аввали ҷанг – мушкилот болои мушкилот. Актёрҳои ҷавонро лозим омад дар заводу фабрикаҳо кор кунанд. Меҳнати 18-соатаи паси дастгоҳҳо бисёр вазнин, вале аксарият, минҷумла, қаҳрамони мо, хидмат ба халқ ва ватанро дар он солҳои душвор вазифаи муҳим ва олӣ меҳисобид.

Дар миёнаҳои ҷанг ҳукумат супориш дод як қатор ҳунарпешагоне, ки дар корхонаҳо машғули меҳнатанд, ба театр баргарданд. З.Муҳаммадҷонов бо Ҳасан Юсупов, Файзӣ Ҳасанов барин санъаткорон, ки ҳамроҳ кор мекарданд, дубора ба театр ҷалб гаштанд. Асарҳое бояд намоиш ёбанд, ки ватандӯстӣ талқин ёфта, ҷанговаронро ба матонат ва ҷасорат даъват созанд. Драмаи Мақсуд Шайхзода «Ҷалолиддин Мангубердӣ» ба саҳна гузошта шуд. Нақши Темурмаликро ба Зикир Муҳаммадҷонов супурданд. Нақши ҳокими Хуҷанд, ки алайҳи истилогарони муғул мардонавор размид ва истодагарӣ кард, аввалин образе буд, ки вай мустақилона офарид. Айнан нақши Темурмалики хуҷандӣ тақдири ояндаи эҷодии З.Муҳаммадҷоновро муайян намуд.

Баъди ҷанг Институти театрӣ ва расомии Тошканд – дар Осиёи Марказӣ аввалин муассисаи таълими олие, ки актёрҳо омода месозад, ташкил гашт. З.Муҳаммадҷонов бо тавсияи устодаш Маннон Уйғур ба ҳамин институт ҳуҷҷат супурд, аз санҷишҳо бомуваффақият гузашт, дар сафи аввалин донишҷӯёни ин даргоҳи таълим ҷой гирифт. Соли 1949 вай бо шарикдарсонаш Яйра Абдуллоева, Эрклӣ Маликбоева, Ирода Алиева ва дигарон соҳиби диплом шуданд ва ба театри ба номи Ҳамза роҳхат гирифтанд. Аз ҳисоби ин ҷавонони соҳибҳунар труппа васеъ ва дар ҳаёти театр саҳифаҳои тоза боз шуданд.

Соли 1952 театри Ҳамза саҳнавӣ сохтани «Шоҳи сӯзана»-и Абдулло Қаҳҳорро ба нақша даровард. Образи Деҳқонбойро ба З.Муҳаммадҷонов ва нақши Ҳафизаро ба Яйра Абдуллоева супурда хато накарданд. Ҳунарпешагони ҷавон симои персонажҳои марказиро хотирмон офарида, боварии устодонро сазовор шуданд. Баъдтар песаҳои Асқад Мухтор «Самандар» ва «Саҳро» саҳнавӣ гашт, симои қаҳрамонҳои марказии ин ду асар С.Саидов ва Заргаров дар талқини З.Муҳаммадҷонов ба дилу дидаи тамошобинҳо нишаст. Актёр бештар ба нишон додани характер ва олами ботинии аҳли заҳмате саъй намуд, ки ба ҳар чиз бо ивази меҳнати ҳалол ноил шудаанд.

Сонитар З.Муҳаммадҷонов дар саҳна бо образи собиқадори милитсия Шокир Султонов (аз «Рӯзи аввали тирамоҳ»-и Ў.Умарбеков) пеши назари тамошобинҳо пайдо ва тавре талқин сохт ин образро, ки онҳо ба мулоҳиза рафтанд, ҳис карданд тарбияи фарзанд аз масъалаҳои ҷиддист. Ба як қатор эпизодҳои ҳаяҷонбахш дар ин намоиш маҳз ҳунари воло, истеъдоди актёрӣ, таҷрибаҳои ҳаётии нақшофар сабаб гардид.

Яке аз ҷӯраҳои писари Ш.Султонов Рем (аслан Рамзиддин) ном дошта, таҳти ҳимояи падари профессораш басо нозпарвард калон шудааст. Аз ҳаракати Рем Шокирака якбора ба даҳшат афтода ва сари дили худро дошта, сарнагун меравад. Се нафар ҷӯраҳо аз дароз кашида хобида мондани ӯ ба даҳшат афтодаанд. Марги Шокирака ба маънои ҳукмест аз болои писарбачаҳои навболиғ, ки ҳисси худбинӣ, мағрурӣ, ҳавобаландӣ дар онҳо болост. Ин гуна хислатҳои нобоб ба марги нобаҳангоми як нафар инсони пок сабаб шуданд...

З.Муҳаммадҷонов дар спектакли «Берунӣ» (асари Уйғун) низ нақши қаҳрамони марказиро бозид. Берунӣ шахсест дар ҳаракат ва ҷустуҷӯ, феълу атвораш мураккаб. Бинобар мураккабиҳои замон, номуътадилии муҳит вай сахт дар изтироб. Шиканҷаҳои ботинии ӯро актёр тавонист бо маҳорати ба худ хос ифода намояд. Нақши Беруниро, ки ба маром расонда бозид, бовар ҳосил карданд симои қаҳрамони навбатии таърихӣ Алишери Навоиро низ вай муассиру табиӣ дар пеши назари бинанда ба ҷилва оварда метавонад.

Маълум, ки драмаи «Алишери Навоӣ» мансуб ба қалами Уйғун ва Иззат Султон дар саҳнаи Театри миллӣ-академӣ чандин бор гузошта шудааст. Вариантҳои охирини ин спектакл таҳти ҳамкории коргардонҳо Т.Азизов ва М.Абдуллоева амалӣ гардонда шуданд. Бачагӣ ва ҷавонии Навоиро актёрон С.Умаров ва Б.Муҳаммадкаримов, давраи калонсолӣ ва пириашро З.Муҳаммадҷонов ва Ё.Аҳмедов бозиданд. Хусусан дар иҷрои Зикир Муҳаммадҷонов соҳиби маданияти баланд, тарғибгари ғояҳои бузург будани Алишери Навоӣ равшан ба зуҳур омад.

Дар биографияи эҷодии З.Муҳаммадҷонов образҳои ба эътибор молик хеле зиёд. Нақшҳои Фердинанд («Макр ва муҳаббат»), Ҷалолиддин («Ҷалолиддин Мангубердӣ»), Абдуллатиф («Мирзо Улуғбек»), Кассио («Отелло»), Фурқат («Фурқат»), Ҷабборов («Парвоз»), Юсуфбек Ҳоҷӣ («Рӯз-ҳои гузашта») Мирзокаримбой («Хуни муқаддас») нафаси эҷодии ба худ хоси ҳунарвари боистеъдодро дар худ таҷассум кардаанд.



Ӯ дар якчанд видеофилм ва телеспектаклҳо низ нақшҳо офарид, ки хотирмонанд. Улуғбек («Мирзо Улуғбек»), Ҳусайн Бойқаро («Алишер Навоӣ»), Исомиддинака («Фарзанди замин»), профессор Комилов («Имон») аз ҳамин қабиланд. Ин гуна образҳо бо драматизми психологӣ, рӯҳбаландии романтикӣ ҷудо шуда меистанд.

Хидмати сазовори қаҳрамони лавҳаи мо қабл аз ҳама дар соҳаи синамо ба мушоҳида мерасад. Вай яке аз чеҳраҳои намоён дар синамо буда, дар бештар аз 50 филми студияҳои гуногун нақшҳои ҷолиб офаридааст.

Ҳанӯз соли 1956 дар картинаи «Хуни муқаддас» бо образи Салим ба дили бинандагон роҳ ёфта буд. Дар «Достони ду дил» (1966), «Дилором» (1968), «Писарҳои Ватан» (1968), «Ошиқон» (1968), «Ҳалокати консули сиёҳ» (1970), «Чанор» (1973), «Чаҳор фасли сол» (1976), «Бачаи шум» (1977), «Алибобо ва чиҳил роҳзан» (1979) ва дигар филмҳо тамошобинҳо симои барояшон қадрдонро дида, таассуроти хуб мебардоранд. Ӯ хусусан дар картинаи «Генерал Раҳимов» образи Собир Раҳимовро бо маҳорати хос офарид. Филм дар чандин кишвари хориҷ низ писанди тамошобинон гашт.

Зикир Муҳаммадҷонов бо «Тоҷикфилм» низ ҳамкории зиёд доштааст. Дар филми коргардон Борис Кимёгаров – «Одам пӯсташро иваз мекунад» (соли 1979) нақши Ҳоҷиёров, дар филми коргардон Маргарита Қосимова «Дар гардишгоҳ» нақши Содиқро бозидааст. Инчунин дар театри ба номи Лоҳутии шаҳри Душанбе соли 1970 дар ҳафтсадумин намоиши спектакли «Алишери Навоӣ» роли Ҳазрат Навоиро бозидааст.

Хидматҳои сазовори З.Муҳаммадҷонов дар равнақи театр ва кино қадр ёфт. Вай ҳанӯз соли 1966 ба гирифтани унвони Ҳунарпешаи мардумии Ўзбекистон сазовор шуда буд. Соли 1977 лауреати Мукофоти давлатии СССР, артисти халқии СССР гардид. Барои хидматҳои шоёнаш дар рушди санъати театрӣ соли 1986 барандаи Мукофоти давлатии ҷумҳуриявӣ ба номи Ҳамза гашт. Солҳои истиқлолият бо орденҳои «Дӯстлик» (1994) ва «Буюк хизматлари учун» (1998) мукофотонида шуд. З.Муҳаммадҷонов аз байни аҳли санъат ягона шахсест, ки бо унвони олии Қаҳрамони Ўзбекистон (2003) лоиқ дониста шудааст.

Имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ 100-солагии ин чеҳраи намоёни ҳунар таҷлил мегардад.

Зикир Муҳаммадҷонов, зимнан, дар оиладорӣ ва тарбияи фарзандон низ намунаи дигарон буд. Ўву ҳамсараш 70 сол якҷо умр ба сар бурданд. Панҷ писаре,ки ба воя расонданд, дар ҳаёт мавқеи муносиб доранд. 17 набера диданд, дар иҳотаи меҳри онҳо худро бобою бибии хушбахт ҳис намуданд.

Ёди дурахшони ҳунарпешаи забардаст ҳамеша дар дил, хотираш барҳаёт.

**М. ШОДИЕВ.**

# РОҲБАРИ МАСЪУЛИЯТШИНОС



Шиносоии мо бо ин марди аҷиб қариб даҳ-понздаҳ сол пеш дар аввалҳои моҳи май рух дода буд. Дар мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нурато кор мекардам. Боре дар утоқи кории омӯзгорон саргарм мутолиа будам, нафаре даромада монд. Вай гармакак салому алейк карду директори мактабро пурсид. Маълум буд, ки рӯйи нуронию чеҳраи гарм дошт. Дар сар тоқии чустимонанд, дар танаш камзӯли шинами ҳавоиранг дошт ва чини абрӯвонаш гувоҳӣ медоданд, ки марди хеле заҳматкаш аст. Ҳамоно дар дарс будани муаллимон ва дар сафари корӣ будани директори мактабро ба вай фаҳмондам. Аз қафояш боз ду нафари дигар даромада омаданд.

Мудири қисми илмии мактабро ба утоқи кории омӯзгорон даъват кардам. Онҳо бо мудири қисми илмӣ оғӯш кашида, ҳолпурсӣ карданд. Маълум буд, ҳамдигарашонро нағз мешинохтанд. Баъд ҳар кадоми онҳоро ба ман як ба як шинос намуд. Он ду нафар яке мудири ферма ва дигаре сарҳисобчии ширкат будааст.

Пас аз он мудири қисми илмӣ зуд се-чор нафар талабаро барои даъват кардани мардуми маҳаллӣ фиристод. Дере нагузашта мардум ҷамъ омаданд. Масъала маълум шуд. Мавсими кирмакпарварӣ будааст. Он рӯз маҷлиси дурударози ширкат баргузор шуд. Хайрият натиҷа ҳам бад нашуд, як гурӯҳ ҳамқишлоқиҳо ба гирифтани кирмак ваъда доданд. Ба ин аз ҳама пеш баромади худи директор сабаб шуд. Вай ваъда дод, ки пеш аз пилласупорӣ ба ҳар як оилаи кирмакгиранда як халта орд ва як сар гӯсфанд медиҳад... Сафи кирмакпарварон зиёд шуд.

Ҳазратқул Қурбонов соли 1963 дар деҳаи Мирмуҳсини ноҳияи Қӯшработ дар оилаи зиёӣ ба дунё меояд. Мактаби миёнаи рақами 21-уми зодгоҳашро хатм мекунад. Пас соли 1984 ба факултаи қарокӯлпарварии Донишкадаи кишоварзии Самарқанд дохил шуда, онро хатм менамояд. Баъд як муддат ба сифати ходими илмӣ дар Институти кишоварзии Тошканд кор мекунад. Пас аз он ба ноҳияи Қӯшработ баргашта, дар ширкати хоҷагии Урганҷӣ зоотехник шуда фаъолият мебарад. Дар тӯли солҳои 1992-1993 боз ба Тошканд баргашта, чанд муддат дар "Ўзгӯштсутсаноат" кор мекунад. Ниҳоят, соли 2008 директори ширкати хоҷагии "Нурато" мегардад...

Ҳамаи фарзандонаш маълумоти олидор ҳастанд ва дар вазифаҳои гуногун кор мебаранд.

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди хоҷагии "Нурато" то соли 2017 номи ширкати хоҷагии "Нурато"-ро дошт. Ҳоло номашро иваз карда бошанд ҳам, мардуми маҳаллӣ ҳамоно ширкат меноманд. Ширкат асосан бо чорводорӣ ва қисман бо асппарвариву моли шохдор ва кирмакпарварӣ ихтисосонида шудааст. Аз ин рӯ, мардуми маҳаллӣ ҳам бештар бо ҳамин корҳо банд мешаванд. Ба гуфти худи раиси ширкат имсол бо вуҷуди номусоидии обу ҳаво тӯли чорводорӣ бобаракат омадааст. Чӯпонон аз ҳар сад сар гӯсфанд як саду панҷ сар барра ба даст овардаанд, ки ин нисбат ба соли гузашта хеле зиёд буд. Ба гуфтаи вай дар ёздаҳ бошишгоҳе, ки моли давлат парво карда мешавад, ҷиҳати нигаҳдошти гӯсфандон тамоми шароиту имкониятҳо муҳайё гардонда шудаанд, бо мамнуният қариб ба 41000 сар расидани чорвои ширкатро ба забон мегирад.

Ҳазрат Қурбонов шахси ташаббускор аст. Соли 2018 шахсан бо роҳбаладии ӯ аз шаҳри Оренбурги Русия 1500 сар бузи ангорӣ оварда, парвои онро дар ширкат ба роҳ мондааст. Ҳоло онҳо ба ҳамаи шаш фермаи ширкат тақсим карда шудаанд ва чӯпонони алоҳида парвариш мекунанд. Гузашта аз ин, дар ширкат бригадаи алоҳидаи қучқорпарварӣ ҳаст, ки 2700 сарро ташкил менамояд.

Илова бар ин, дар ширкат хоҷагии аспарварӣ низ ба роҳ монда шуда, ҷиҳати парвариши онҳо шароит фароҳам оварда шудаанд. Аспарварӣ асосан дар ду ферма ба роҳ монда шудааст ва ҳамагӣ 144 сарро ташкил медиҳад. Моли калони шохдор ҳам дар чарогоҳҳои гирду атрофи ширкат парво карда мешаванд. Онҳо ҳоли ҳозир 66 сар мебошанд.

Ширкат ҳар сол аз нақша зиёд пӯст ва пашми гӯсфанду бузро захира менамояд. Ҳамчунин, қариб 8 тонна шир мегирад ва бо нархи арзон ба мардуми маҳаллаҳо мефурӯшад. Дастҷамъона, гардиши ҳаҷми маблағи ширкат дар ҳисоби сол қариб се миллиардро ташкил менамояд. Раиси ширкат чунин гардиши маблағро бо қаноатмандӣ ба забон мегирад.

– Кирмакпарварӣ якчанд соли охир дуруст ба роҳ монда нашуда буд, – мегӯяд мудири фермаи чоруми ширкат Акрам Раҳмонов. – Маҳз ба туфайли тарғиботу ҳаракатҳои худи раис, гарчанде баъзе аз бошандаҳои фермаҳо набудани барги тут ва аз масофаи дур кашондани он ва нарасидани қувваи кориро баҳона карда, аз кори он гарданкашиҳо намуда бошанд ҳам, баъзе аз фермаҳои дигар ба ду ҳисса зиёд аз соли пешин талабгорӣ намудаанд. Ба гуфти худи раис имсол ният дорад, ки пешсафон ва умуман ҳамаи онҳое, ки нақшаро иҷро намудаанд, нисбати сони пешин ду баробар рағбатнок намояд.

Тибқи ибрози Ҳазратқул Қурбонов фермаи чорумро намунаи ибрат донистан месазад. Роҳбари ферма Акрам Раҳмонов зимни сӯҳбатамон гуфт, ки маҳз дар фермаи чорум қариб 4500 сар гусфанду буз ва 36 сар асп парвариш карда мешавад. Вай аз натиҷаҳои кирмакпарварии ферма низ изҳори қаноатмандӣ намуд.

Раиси ширкат аз натиҷаҳои кору фаъолияти худ шукргузорӣ мекунад. Боре ҳангоми суҳбатамон дар ду-се соли охир вазнинтар шудани корҳои ташкилиашро ёдовар шуд. Дар ҳақиқат, бинои хонаи маиший маркази ширкат аз сари нав таъмир гардид. Дар он сехи бофандагӣ ба роҳ монда шуда, зиёда аз 15 нафар духтарони маҳаллӣ бо кор таъмин карда шуданд. Қариб аз нисф зиёди бошишгоҳҳои давлатӣ аз сари нав таъмир карда шуданд. Ба ду бошишгоҳ роҳи нав кушоданд. Ба якчанд нуқтаҳои дигар аз масофаҳои дур лӯлаи об кашида шуд. Ҳамаи ин гуна корҳои ташкилӣ бевосита бо саъю ҳаракатҳои дилсӯзонаи вай ба роҳ монда шуданд.

Самараи заҳматҳои тӯлониаш аз назари давлатамон дур намондааст. Дар арафаи понздаҳсолагии Истиқлоли кишвар бо "Нишони сарисинагии 15-солагии Истиқлол" мукофотонида шудааст. Фаридаддини Аттор фармудааст:

*Дар ҷаҳон донӣ,*
*кӣ гардад мӯътабар?*
*Он, ки ӯро бок набвад*
*аз хатар.*

**Ҳикмат СУЛТОНЗОДА.**
*Вилояти НАВОӢ.*



# ОБОДГАРИҲО ДАР БЎСТОН

*Дар маҳаллаи Бӯстони ноҳияи Учқӯрғони вилояти Намангон 2 ҳазору 760 нафар аҳолӣ истиқомат мекунад. Соли ҷорӣ дар доираи барномаи «Маҳаллаи обод» дар ҳудуд корҳои васеъмиқёс ба амал татбиқ шуданд. Намуди берунии 155 хонадон таъмир гашт, 10,1 км ҷӯй ва заҳбурҳо тоза карда шуданд. Ба кӯчаҳои «Янги ҳаёт», «Қӯшчинор», «Х.Эшонов» ҷамъ 87 симчӯб, ба кӯчаи «Х.Эшонов» трансформатор устувор карда шуд. Барои бо оби нӯшокӣ таъмин кардани хонадонҳои кӯчаи Бӯстон дар масофаи 700 метр қубур хобонда шуд. 25 хона бо кӯмаки ҳомиён таъмир гардид.*

*Бештар аз 1890 бех дарахти меваноку манзаравӣ, зиёда аз 3 ҳазору 580 бех ниҳоли гул шинонда шуданд. Баҳри бо шуғл фаро гирифтани шаҳрвандоне, ки ба «Дафтари занон» ва «Дафтари ҷавонон» дохиланд, эътибори алоҳида зоҳир гашт. Ба 40 нафар ҷавонон 20 сотих замин ҷудо ва барои деҳқониашон кӯмак карда шуд. Дар ҳудуд ҷамъ 18 гармхона мавҷуд буда, 4-тои он соли равон ташкил гашт. Ба 8 нафар шаҳрванд дар асоси кредити имтиёзнок чорвои калони шохдор гирифта дода шуд.*

***Дар сурат:** дар маҳаллаи Бӯстони ноҳияи Учқӯрғон.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

*Сафар дар Ватан*

# СИНТАБ ДАР ХАТСАЙРИ САЙЁҲӢ

Меҳри ватани кӯчаки бобоӣ — деҳаи кӯҳии Синтаби ноҳияи Нурато аз овони хурдсолӣ дар дил нишастааст. Вақте бобою бибиён ва падару модарон аз зодгоҳи худ бо дилбастагии зиёд ҳарф мезаданд, пеши назарамон кӯҳу чашма ва манзараҳои нотакрори як деҳаи кӯҳӣ падид меомад. Гӯиё онҳо афсона мегуфтанду мо мешунидем. Дертар он меҳр дар қаламиҳо рӯ зад:

*Чу модар Синтабашро ёд мекард,*
*Дилашро аз қафас озод мекард.*
*Зи сангу чашмаҳо дар домани Сир,*
*Ту гӯӣ Синтабе бунёд мекард.*

***

*Падар аз Чашмаи Акко ҳамегуфт,*
*Зи Поён гаҳ, гаҳ аз Боло ҳамегуфт.*
*Надонам ман чаро он кӯҳзода,*
*Сухан як умр аз он ҷо ҳамегуфт...*

Ҳар боре Синтаб равам, чашм аз тамошои кӯҳу шахҳои сар ба осмон кашида, рӯди хушоб, мавзеъҳои таърихӣ, чашмаҳои мусаффо сер намешавад. Дил суҳбати солхӯрдагони донишмандро меҷӯяд. Наққоши азал гӯё кӯҳҳоро дар таблуи кабуди осмон наққошӣ кардааст. Субҳ, пеш аз тулӯи офтоб, онҳо ба назар асрорангез менамоянд. Баъди ба серӣ нӯши ҷон кардан, мисле ки ҳоҷиён аз оби Замзам ба хона меоранд, аз оби Чашмаи Акко зарфҳои обгириро пур карда, ба шаҳр бармегардам...

Чанде қабл, ба муносибати таҷлили 110-умин солгарди устод Мирзо Турсунзода ва 80-умин солгарди устод Лоиқ Шералӣ, бино ба даъвати маъмурияти мактабҳои рақами 38 ва 21-уми ноҳия аз ватани бобоӣ бори дигар дидан кардам. Ин бор низ гӯё Синтабро бори аввал медидам. Хеле тағйир ёфтааст. Меҳмонхонаҳои сайёҳӣ қад афрохтаанд. Ҳунар, аз ҷумла, ҳунари деворзанӣ низ бо мурури вақт рушд мекардааст. Аҳсант! Устоёни гулдасти синтабӣ, бино ба усули «боли пашша», санги девору биноҳоро чунон мураттабу ҳамвор чидаанд, ки ангушти ҳайрат мегазед. Усули «боли пашша» усулест, ки баъди ба тарзи анъанавӣ ду-се қатор чидани девор, сангҳои қатори навбатӣ рӯйи девор дар шакли боли пашша гузошта мешаванд. Сутуни меҳмонхонаҳои сайёҳӣ чун сутуни масҷиду мадрасаҳои қадим нақшдоранд.

Чанд даҳсола қабл мардум дар даромадгоҳи деҳа, ки доманаш дар дасти дашт асту селҳо сангу харсангҳои хурду бузургро ҷо-ҷо амонат гузоштаанд, манзили зист намесохт. Ҳоло техникаву технологияи замонавӣ мушкили мардумро осон кардааст, аҳли деҳ дар домани кӯҳ низ манзили зист месозад. Насосҳои обкашӣ барои обёрии замини назди ҳавлӣ обро аз рӯди зеризаминӣ мекашанд.

— Мо гирду пеши Чашмаи Аккоро низ обод кардем, — гуфт раиси нави ҷамъияти шаҳрвандони маҳаллаи «Синтаб» Мурод Мирзоев. — Аз он ҷо низ дидан хоҳед кард.

— Агар обод намекардед ҳам, ба хотири Чашмаи Акко, мерафтам, — гуфтам бо лабханд.

Хатмкардаи факултаи фанҳои техникии Донишгоҳи давлатии Самарқанд Мурод Мирзоев соле чанд дар мактаби рақами 38 омӯзгор буд. Бо назардошти қобилияти ташкилотчигиаш ӯро ба вазифаҳои мудири қисми илмӣ ва ҷонишини директор таъин намуданд. Тӯли ин солҳо ба рушди таълими халқ саҳм гузошт. Чанде қабл аҳли деҳ номзадии ӯро низ ба раисии ҷамъияти шаҳрвандони маҳалла пешниҳод намуданд. Дар байни ду нафар бо 85 овоз пирӯз гардид.

Бо назардошти рушди сайёҳии дохилӣ, фароҳам овардани ҷойҳои корӣ ва омӯхтани мероси таърихию фарҳангӣ минтақаҳои кӯҳии вилояти Навоӣ, аз ҷумла, маркази Нурато ва яке аз деҳаҳои хушманзари қаторкӯҳи Нурато — Синтаб, ба хатсайри сайёҳон дохил шудааст.

— Синтаб хеле обод хоҳад шуд, — ба суханаш идома дод раис. — Ҳоло дар ҳудуди маҳалла 12 меҳмонхонаи сайёҳии замонавӣ мавҷуд. Дар оянда, бино ба қарори Девони Вазирон «Дар бораи ташкил додани меҳмонхонаҳои оилавӣ» теъдоди соҳибкорон ва меҳмонхонаҳои шинам ба маротиб меафзоянд. Дар кори меҳмонхона соҳибкорон Шодибой Бобоев, бародарон Рӯзибой ва Муҳиддин Бобоевҳо, Ҳусан Ҳамроев ва Нигора Олибоеваҳо таҷриба андӯхтаанд...



Олимон муайян кардаанд, ки пиктографҳои Синтаб ба қарнҳои V-VI милодӣ мутааллиқанд. Навиштаҷоти Санги Навишта низ қадимист. Қалъаи (ҳисор, қӯрғон) бостонии деҳа олами дигарест. Ба ҷуз ин шаршараю ғорҳо, олами ҳайвонот ва кӯли назди кӯҳи Фозилмонато ба экотуризм хеле мутобиқат мекунад. Бино ба лоиҳаи тасдиқшуда, дар назар аст, ки роҳи танги қад-қади рӯди деҳа (дар бар ба андозаи 4 метр) то Чашми Акко мумфарш карда хоҳад шуд. Ташкил ва таъмири пиёдароҳҳои велосипедгард дар назар аст. Дар гӯшаҳои биҳиштосои деҳа истироҳатгоҳҳои кӯчак низ бунёд мегарданд. Байни Қалъаи (қӯрғон) таърихию роҳи асосӣ ду пули (кӯпрук) замонавӣ сохта мешавад. Кӯҳнавардӣ низ роҳандозӣ мегардад...

Аз Англия, Русия, ИМА, Фаронса, Италиё ва дигар кишварҳои хориҷӣ ҳар сол сайёҳони зиёд аз деҳа дидан мекунанд. Барои зиёрат ва истироҳати онҳо бояд шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Хонум Софи Элизабет Эботсон, аз Британиёи Кабир, таассуроташро дар бораи деҳа чунин ифроз доштааст: «Ба вилояти Навоӣ пештар ҳам омада будам. Аммо ба деҳаи Синтаб бори аввал меоям. Обу ҳавои тоза, тарзи зиндагии аҳолӣ, сангнавиштаҳо, манзараҳои дилангези табиат ва иқлими хоссаи деҳа маро мутаваҷҷеҳ сохт. Синтабиёни меҳмонпарвар ва покдил ба дилам нишастанд...»

Барномаҳои иттилоотии телевизиони марказӣ доир ба минтақаҳои сайёҳии вилояти Навоӣ, аз ҷумла ноҳияи Нуратою деҳаи зебоманзари Синтаб, корҳои анҷомдодашуда дар ин росто ва сайру гашти сайёҳони хориҷӣ хабару намоишҳои зиёде омода кардаанд. Тамошо кардани чанде аз онҳо насиб гардид. Ҳамааш хуб. Фикр мекунам, дар онҳо як чиз намерасад. Ӯзбекистон кишвари сермиллат аст. Бояд ин ҷиҳат дар намоишҳои телевизионӣ, бо назардошти объекти тасвир, дар хабару филмҳои мустанад таҷассум ёбад. Масалан, Синтаб деҳаи тоҷикнишин аст, дар ин деҳа ду мактаби тоҷикӣ ба фарзандони мардум таълим медиҳанд. Вале дар ин хусус дар хабару намоишномаҳо ҳарфе нест. Лоақал, суҳбати кӯтоҳи як нафарро пахш кардан мумкин буд, ки тақрибан чунин гӯяд: «Дар ин деҳа тоҷикон дар оилаи ягона барои рушди Ӯзбекистон меҳнат мекунанд. Таҳсил дар мактабҳо ба забони тоҷикист...» ва ҳоказо. Ин гуна ишораҳо, дар навбати аввал эҳтироми ақаллиятҳои миллӣ бошад, дар навбати дуюм дӯстии халқҳоро таҳким мебахшанд...



Гирду пеши Чашмаи Акко, воқеан, обод шудааст. Деворсанг, новаи обрезӣ ва меҳробҳои он ба ҳусни чашма афзудаанд. Машрабу Иззатулло зарфҳои пури обро дар бордони сабукрав гузоштанд. Ин маънои «Хуш омадед, меҳмонсайёҳ, Худо ҳофиз»-ро дошт.

*Синтаб сою Ҳисори боло дорад,*
*Девор зи сангу кӯҳу шаххо дорад.*
*Аз Санги Навиштааш бихондам осон,*
*Таърихи дусад асру замонро дорад.*

***

*Синтаб, Синтаб, диёри зебо Синтаб,*
*Як деҳаи тоҷикони дунё Синтаб.*
*Дар рӯйи харита гарчи з-он нест нишон,*
*Дар синаи ҳар зодаи худ ҷо Синтаб.*

**Абдулло СУБҲОН.**

*ТОШКАНД – НУРАТО — ТОШКАНД.*

*Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,*
*Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.*
*Ҳеҷ талхӣ нест дар дил талхтар,*
*Аз фироқи дӯстони пурҳунар.*
*(Рӯдакӣ).*

# ӮЗБЕКИСТОН – МАМЛАКАТИ ДӮСТӢ ВА БАРОДАРӢ

Маълум аст, ки тӯли асрҳои зиёд дар сарзамини бостонию достонии мо намояндагони қавмҳо, фарҳангҳо ва динҳои гуногун дар сулҳу оромӣ зиндагӣ мекарданд. Меҳмоннавозӣ, меҳрубонӣ, саховатмандӣ ва таҳаммулпазирии ҳақиқӣ ҳамеша ба мардумамон хос буд ва асоси менталитети мо гаштааст.

Аз солҳои аввали истиқлолият дар Ӯзбекистон рушди фарҳангӣ, таҳаммулпазирӣ ва гуманизм, таҳкими ҳамдигарфаҳмии байни миллатҳо ва байни мазҳабҳо, ҳамоҳангии шаҳрвандӣ дар ҷомеа, таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар барои ҳамаи шаҳрвандони кишвар, сарфи назар аз миллат ва эътиқоди динии онҳо аз ҷумлаи муҳимтарин самтҳои сиёсати давлатӣ муайян шудааст. Тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, муҳаббат ва садоқат ба Ватан мақсаду мароми мост.

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон вакилони зиёда аз сад миллату халқиятҳои гуногун аҳлона умр ба сар бурда, дар пешрафти ҳаёти ҷомеа саҳм мегузоранд. Онҳо дар самтҳои гуногуни хоҷагии халқ кору меҳнат мекунанд.

Аз замонҳои қадим гузаштагони мо нисбати ҳамсоя ҳурмату эҳтироми баланд доштанд. Дар урфият "ҳамсоя ба ҳаққи Худо баробар" аст, мегӯянд. Ин гуфтаҳо на танҳо ба ҳамсоягии урфӣ, балки ба ҳамсоягии байни давлатҳо низ дахл дорад. Мо – ӯзбекону тоҷикон аз азал дурандешу меҳмоннавозем, нисбати ҳамсоя эҳтироми хоса дорем. "Хона нагир – ҳамсоя гир" низ аз беҳтарин фармудаҳои мардуми мост.

Ӯзбекистон бо кишварҳои ҳамсарҳади худ алоқаи хешу таборӣ дорад. Дар қаламрави Ӯзбекистон хонаводаҳоеро вомехӯрем, ки аз миллатҳои ӯзбеку тоҷик, ӯзбеку афғон, ӯзбеку қирғиз, ӯзбеку рус ва дигарҳо оила барпо кардаанд. Онҳо хушбахт ва муттафиқона умр ба сар мебаранд. Ин ҳама аз муносибатҳои дӯстонаву меҳрубононаи давлатҳои ҳамсоя сарчашма мегирад.

Ба қарибӣ дар Қасри санъати шаҳри Тирмиз таҳти шиори «Ӯзбекистон – кишвари дӯстӣ ва бародарӣ» чорабинӣ баргузор гардид. Дар он намояндагони ҳукуматҳои вилоят ва шаҳр, марказҳои миллию фарҳангӣ ва ҷомеаи васеъ ширкат варзиданд.

Чорабинӣ бо тамошои экспонатҳое, ки аз ҷониби марказҳои миллию фарҳангӣ омода шуда буд, оғоз ёфт.

Сипас меҳмонон ва ҳозирон консерти идонаеро, ки аз ҷониби Марказҳои миллию фарҳангӣ ва шуъбаи фарҳанг ташкил гардида буд, тамошо карданд.

Консерти идонаро овозхони Маркази фарҳангии рус Светлана Ҷумъаева бо суруди «Валенки» ифтитоҳ намуд.

Марказҳои фарҳангии туркманҳо, тоҷикон ва афғонҳо ҳозиринро бо намоиши барномаи консертии ҷолиб шод карданд.

Хонандагони мактаби миёнаи рақами 1-и шаҳри Тирмиз рақси халқии русии «Калинка»-ро иҷро карданд.

Толибилмони мактаби миёнаи махсуси рақами 9-и шаҳри Тирмиз бо рақси дилнишин ба ҳозирин кайфияти хуб бахшиданд.

**Рӯзимурод ХАЛИЛОВ,**
**Адолат ОЧИЛДИЕВА,**
**донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**

*Ахлоқи ҳамида*

# «МЕҲМОН – АТОИ ХУДО»

Оиди меҳмон ва меҳмондорӣ бисёр гуфтаем. Вале баҳс дар атрофи ин мавзӯъ ҳар соату ҳар дақиқа аз аҳамият холӣ нест. Халқи мо меҳмондӯст мебошад. Аз қадимулайём меҳмондорӣ ва ба меҳмонӣ рафтанро дӯст медорад. Меҳмони шиносу ношиносро бо чеҳраи кушод пешвоз гирифта, бо таомҳои ширину лазиз табъи ӯро шод мегардонад. Мақолҳои халқии «Меҳмон бо ризқаш меояд», «Меҳмон мисли — атои Худо», «Меҳмон аз падар азиз аст», «Меҳмон ҳар кӣ бошад, дар хона ҳар чӣ бошад» беҷиз гуфта нашудааст. Аммо баъзеҳо ба мазмуну моҳияти ин мақолҳои халқӣ сарфаҳм намераванд ё донанд ҳам, беэътиборӣ зоҳир менамоянд.

Вақте ба тӯй, шабнишинӣ ё меҳмондорӣ меравем, ба амалҳои нохуши баъзе шахсон чашмамон меафтад. Онҳо баъди хӯрдани зиёфат чайб ё сумкаи худро аз мева ва шириниҳои рӯйи дастархон пур мекунанд, ки ин одат ниҳоят нохуш аст. Бе розигии мизбон набояд ин амалро иҷро кард.

– Ба қарибӣ дугонаам зодрӯзашро гузаронд. Дастархонро бо нозу неъмат пур кардааст. Меҳмондорӣ хеле хуб гузашт. Ҳангоми рафтан занҳо конфет ва дигар ширинӣ, ҳатто себу банани боқимондаро ба сумкаҳояшон андохтанд. Дар дастархон ғайр аз зарфҳои холӣ дигар чиз намонд. Хуб, «ош шавад» мегӯем. Аммо дар баъзе ҳолатҳо мумкин аст соҳиби хона рӯзи дуюм низ меҳмон пешвоз мегирад. Ё ин ки баъзе шахсон бо кӯдакони худ ба меҳмонӣ мераванд ва одоби дар меҳмонӣ нишастанро ба онҳо намефаҳмонанд. Кӯдаконашон аз калонҳо пеш ба дастархон даст дароз мекунанд, таом ё чойро мерезанд, зарфҳоро мешикананд ва ин ба мизбон ноқулайиҳо фароҳам меорад, – мегӯяд мусоҳиби мо фаъоли маҳаллаи «Пахтаобод»-и ноҳияи Сайҳунобод Тошбика Қазоқова.

Дарҳақиқат, ба баъзе бачаҳо одат шудааст, ки аз меҳмонӣ баргаштани падару модарашро интизор мешаванд, чунки онҳо медонанд, ки волидон бо «дасти холӣ» барнамегарданд. Дуруст, маросимҳои ба худ хоси гаҳворатӯй, тӯйи суннатӣ, фотиҳаи духтар ҳастанд, ки аз он дасторхон шириниҳоро бо нияти нек, ба мо ҳам расонад гуфта мегиранд.

Баъзан фикр мекунам, ки рӯзгоре бобою момои мо дар ночорӣ, норасоиву камбизоатӣ ҳаёт ба сар бурдаанд, лек чизи беҳтаринашонро дар назди меҳмон мегузоштаанд, одобу ахлоқи меҳмондориро ба ҷо меовардаанд. Ҳоло дар ҳар як оила фаровонӣ, серию пурӣ ҳукмрон аст, бозорҳову дуконҳоямон пури хӯрокворӣ, либосворӣ ва ғайра...

Дар ёдам, хурд будам. Модаркалонам ба меҳмонии хешон, наздикон ва дугонаҳояш маро ҳамроҳ мебурд. Раҳораҳ маро огоҳ мекард: «дар меҳмонӣ боодоб шин, баланд гап назан, бисёр ханда накун, бе иҷозати ман ба дастархон даст дароз накун». Бахусус, оиди либоспӯшӣ, кӯтоҳу тор набудани он, ки барои духтарбача зарур аст, гӯшрас менамуд. Мана, худ момо ҳастаму чунин суханони тарбиявии момоямро ба фарзандону наберахо тарғиб менамоям. Ҳаракатҳои зикршуда ба назар хеле беаҳамият менамоянд, аммо ба тарбияи фарзандонамон – насли наврас, ба ташаккули маънавият, одобу ахлоқи онҳо аҳамияти муҳим дорад. Дар ин кор аввало падару модар, калонсолон дар оила намуна бояд бошем, беэътиборӣ ба чунин «иллатҳои назарногир» ба фардои ҷамъият нохушиҳо меоварад.

Инсон дар ҳама давру замон ба тарбият ниёз дорад. Тарбияи бошуурона аз панду ҳикмат ва насиҳатҳо ғизо мегирад. Дар байни мардум гуфторе ҳаст: «Агар дарахт бо об сабзад, инсон бо дуо хоҳад сабзид».

**Зулайхо БУРҲОНОВА,**
**муаллимаи мактаби рақами 9-уми ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё.**

***Дар ноҳияи Шофиркон бинои нави сеошёнаи прокуратура ба истифода супорида шуд.***

# Бинои нави прокуратура

Дар ин маросим ҳокими вилоят Ботир Зарипов, ҷонишини Прокурори генералӣ Акмалхӯҷа Мавлонов, собиқадори меҳнати соҳа Давлат Соҳибов ба сухан баромада бобати ислоҳоти пай дар паи низоми суду ҳуқуқ, такмилёбии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон дар мамлакатамон изҳори ақида намуда, кормандони прокуратураи ноҳияро бо бинои нав ва дастрасшавии имкониятҳои қулай муборакбод намуданд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки бунёдкунандагони ин бинои хушнамуд бинокорони гулдасти ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Қувуртаъмир» (роҳбараш Аҳрор Нарзиев) буда, барои он қариб 7 миллиард сӯм маблағ харҷ гардидааст. Дар ин бино баробари кормандони прокуратураи ноҳия мутасаддиёни шуъбаҳои ноҳиявии бюрои иҷрои маҷбурӣ ва департамент низ фаъолияти худро идома медиҳанд.

Дидани намунаҳои охирини ҷиҳозҳои замонавӣ, маҷмӯи компутерҳо, низоми интернетӣ, камераҳои назораткунӣ, кабинетҳои баҳаво ва ошхонаи базеби бино меҳмонону мизбононро хеле шод кард.

**А. АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

*Хотира азиз, қадр муқаддас*

# ЁДЕ АЗ УСТОД

Самарқанди фирдавсмонанд на танҳо бо осори меъморӣ ва ҳунариаш, балки бо ҳунармандони гулдаст, олим ва шоирони нозукбаён, фозилон ва мутафаккирони забардаст, фуқаро ва уламои хеш низ шуҳрати ҷаҳонӣ ва мартабаи азим дорад. Самарқанди куҳан ва бошандагони арҷмандаш онҳоро ҳамеша эҳтиром ва пос медоранд. Қиблагоҳам солҳои 1966-1972 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Душанбе таҳсил гирифтаанд ва аз бузургони илми забон ва адабиёти тоҷик Холиқ Мирзозода, Носирҷон Маъсумӣ, Ҷонон Бобокалонова, Наҷмӣ Сайфиев, Абдулғанӣ Эшонҷонов, Муҳаммадӣ Исматуллоев ва дигарон бо эҳтиром ва самимият ҳикоят мекарданд. Ба хонаи мо ҳафтае ду маротиба аз Тоҷикистон рӯзномаву маҷаллаҳо меомаданд, ки дар онҳо мақолаҳои устодони падарам дарҷ буданд. Ҳар ду бо мароқ мехондем ва муҳокима мекардем.

Яке аз онҳо фарзанди обрӯманди Самарқанди бостонӣ Раззоқ Ғаффоров буд, ки ба қиблагоҳам сабақ додааст. Хушбахтона, ман ҳам солҳои 1992-1997 дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд аз ин донишманди бузурги илми забоншиносии тоҷик сабақ гирифтаам ва то зиндаам фаромӯш нахоҳам кард.

Дар ҳаққи устодон сухан гуфтан ва ба хидмати онҳо баҳо додан кори ниҳоят мушкил. Беҳуда, "Бузургонро бузургон зинда медоранд"– нагуфтааст шоир.

Зиндагиномаи устод Р. Ғаффоров оддист. Ӯ соли 1932 дар ноҳияи Самарқанди шаҳри Самарқанд аз оилаи косиб таваллуд ёфтааст. Баъд аз хатми донишкада як сол дар шуъбаи маорифи халқи ноҳияи Самарқанд ба ҳайси нозир хидмат карда, соли 1954 ба Донишгоҳи Самарқанд даъват мешавад ва аз ҳамон вақт тақдири хешро ба тадрису тадқиқи забони тоҷикӣ мепайвандад. Соли 1959 даъвати сарони Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистонро бо камоли мамнуният пазируфта, дар шуъбаи забони адабии тоҷик ба сифати ходими хурди илмӣ ба кор шурӯъ мекунад. Р.Ғаффоров соли 1965 дар мавзӯи "Забон ва услуби асарҳои Раҳим Ҷалил" рисолаи номзадӣ ва соли 1980 дар мавзӯи "Синтаксиси лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар таъсири муқоисавӣ (ҷумлаҳои содда)» рисолаи доктории дифоъ намудааст.

Аз соли 1966 то соли 1999 сарпарастии шуъбаи лаҳҷашиносии АИ Тоҷикистонро дар ӯҳда дошт.

Устод Р. Ғаффоров баробари кори илмӣ дар мактабҳои олии Тоҷикистон фаъолияти педагогиро низ давом дода, дар тарбия ва таълими садҳо омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик саҳм гирифтааст. Соли 1986 ба дарёфти унвони профессори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон мушарраф мешавад. Соли 1989 барои устод махсусан фаромӯшношуданӣ буд, аввалан барои сарварию иштирокаш дар таълифи панҷҷилдаи "Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ" сазовори Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино гашт, сониян ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шуд.

Р. Ғаффоров аз сермаҳсултарин забоншиносони тоҷик ба шумор рафта, зиёда аз 300 мақолаву тақриз ва рисолаҳои гуногунҳаҷми илмӣ навиштааст. Ӯ яке аз муаллифони китоби дарсии "Услубшиносӣ" барои мактабҳои миёна буд.

Устод дар мактабҳои олии Тоҷикистон ва Самарқанд аз услубшиносӣ, маданияти сухан ва забони адабии тоҷик дарс гуфтааст. Раззоқ Ғаффоров ба майдони забоншиносӣ ба сифати услубшинос ворид гардид.

Гумон меравад, ки табиати шоирона ва завқи волои эстетикӣ, ки дошт, ӯро ба таҳқиқи забон ва услуби асарҳои бадеӣ водор сохтаанд. Ин буд, ки ӯ то даъват шудан ба Душанбе "Дар бораи забони достони "Асрор"-и Ғаффор Мирзо, "Ташбеҳ дар романи "Одамони ҷовид"-и Раҳим Ҷалил барин мақолаҳоро ба табъ расонида, худро ба сифати услубшинос муаррифӣ карда буд. Устодро метавон энсиклопедияи соҳаи забоншиносӣ номид.

Устоди азизи мо ҳанӯз дар зиндагӣ ба ҳурмат ва эҳтироми донишмандону ихлосмандони илми забоншиносӣ сазовор гашта буд.

Бесабаб нест, ки ба навиштаҳои ӯ ховаршиносони маъруф, аз қабили Н. А. Боголюбов, В. С. Росторгуева, А. З. Розенфелд, В. А. Лившитс баҳои баланд додаанд.

Алҳол асарҳои пурмуҳтавое, ки устод Раззоқ Ғаффоров навиштааст, дар мактабҳои олии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ҳамчун маводи таълимӣ фаровон истифода мегарданд.

**Баҳодур ҲУСАНОВ,**
**омӯзгори тоифаи олии мактаби рақами 14, ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарё.**

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-625. Адади нашр 819, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.40

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.